# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи Ҷӯраева Замира дар мавзӯи **«Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду»** барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду)

**Навгонии тозаи илмӣ дар диссертатсия.** Дар ҳиндшиносии тоҷик бори нахуст таҳаввули жанри ҳикояи урду ва такомули он ба таври монографӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи комил қарор гирифтааст. Дар айни замон заминаҳои пайдоиши жанри ҳикоя, даврабандӣ ва ҷузъиёти такомули он дар ҳамбастагӣ бо таълифоти нависандагон таҳқиқшуда, дар ин замина хусусиятҳои асосии жанри ҳикоя муайян карда шудааст. Ҳамчунин бори нахуст нақш ва ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар раванди инкишофи насри навини урду аниқ карда шудааст. Дар рисола маҷмӯи таълифоти адибони ҳикоянигори урду оид ба сарнавишти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва тақдири мардуми Ҳинд ва бозтоби андешаи фардои онон таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки аз бисёр ҷиҳат бо масоили куллии насри муосир пайванд ва ҳамгир мебошад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқ аз нуктаҳои зерин иборат аст:**

- муайян кардани мақоми жанри ҳикоя дар доираи насри урдуи солҳои 1900-1990;
- пайгирииии раванди такомули ҳикояи урду дар доираи замони зикршуда;
- арзёбӣ кардани хусусиятҳои хоси ҳикояҳои Премчанд, Саодат Ҳасан Манто, Аҳмад Надим Қосимӣ, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатоӣ, Масрур Ҷаҳонр ;
- муайян сохтани заминаҳои густариш ва сарчашмаҳои илҳомпазирии жанри ҳикояи урду бо назардошти таърихи пайдоиши он, инъикоси бадеии афкори сиёсӣ ва иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи Ҳинд дар осори адибон, дар мавқеи чорчӯби консепсияи бадеии инсон мавриди таҳқиқоти ҳиндушиносони хориҷӣ ва ватанӣ.

**Ба сифати маводи таҳқиқ** ҳикояҳои адибони маъруфи урду Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатоӣ, Масрур Ҷаҳон баргузида шудаанд, ки замони эҷодиашон бо давраи пажуҳиши илмии мо рост меояд ва ҳамчунин гоҳо ба осори адибони шинохтаи ҳикоянавис Саодат Ҳасан Манто, Аҳмад Надим Қосимӣ, Раҷендра Сингҳ Бедӣ ва дигарон такя карда мешавад. Муаллиф таҳқиқотҳои адабиётшиносони Тоҷикистон, Россия, Ҳиндустон ва Аврупоро васеъ истифода намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** иборат аз он аст, ки хулосаҳои он дар омӯзиши ояндаи раванди таҳаввули жанри ҳикоя дар насри урдуи садсолаи XX ва таърихи адабиёти урду дар ҳамин давра метавонад мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

Диссертатсия ба мутахассисон ҳамчун маводи назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти урду ёрии амалӣ мерасонад, зеро диссертатсия бо назардошти дидгоҳҳои нави назарӣ оид ба арзёбии осори ҳунарӣ таълифшуда, воқеияти ҳаёти адабии Ҳиндустонро дар давраи мавриди назар бо сароҳат таҷассум мекунад.

Муҳтавои умумии рисола барои адабиётшиносии урду ҳамчун маводи назариявӣ баҳри дарёфт ва идомаи густариш ва такомули жанри хурди насрӣ, яъне ҳикояи урду метавонад заминаи корбарӣ ва мавриди истифода қарор гирад;

Муҳтавои мавзӯи диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд ва ба пуррагӣ мавзӯи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Матни автореферат, бо ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) ба матни диссертатсия мувофиқат менамояд.

Диссертатсия ба ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) мувофиқат менамояд.

Диссертатсия Ҷӯраева Замира Гулямовна дар мавзӯи «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ

(адабиёти урду) ҷавобгӯйи талаботҳои КОА назди Президенти ҶТ буда, ба ҳимоя тавсия мегардад

Ба ҳайси:

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рдакии АМИТ

**Муқарризони расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор – **Ғаффорова Замира** ( ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров)

доктори илмҳои филологӣ, профессора – **Салиҳов Шамсидин Аслидинович** ( ДДОТ ба номи С.Айни)

пешниҳод мегарданд.

Доктори илмҳои филологӣ, профессор У.Сафаров

Доктори илмҳои филологӣ, профессор А.Кучарзода

Доктори илмҳои филологӣ, профессор Т.Мардонӣ